# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Сатторзода Шарифамоҳ Сатор дар мавзуи «Рушди тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути моделсозӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ (истифода аз маводҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба масъалаи муҳимми рушди тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим бо истифода аз моделсозӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши равандҳои информатизатсияи ҷомеа, ташаккули тафаккури мантиқӣ ва қобилияти таҳлили мустақилонаи хонандагон аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки истифодаи усулҳои моделсозӣ дар раванди таълим имконият фароҳам меорад, ки хонандагон на танҳо донишҳои назариявӣ ба даст оранд, балки малакаи таҳлили равандҳо, сохтани моделҳои иттилоотӣ ва қабули қарорҳои мантиқиро низ инкишоф диҳанд.

Рӯйдодҳои таҳқиқотӣ нишон медиҳанд, ки дар низоми таҳсилоти муосир зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи асосии рушди тафаккури мантиқӣ афзуда истодааст. Дар ин замина, моделсозӣ ҳамчун усули фаъол ва самараноки омӯзиш метавонад ба баланд бардоштани сатҳи фикрронӣ, таҳлили системавӣ ва эҷодкории хонандагон мусоидат намояд.

Муаллифи диссертатсия асоснок менамояд, ки рушди тафаккури мантиқӣ дар синфҳои болоӣ танҳо бо истифода аз усулҳои анъанавии таълим маҳдуд шуда наметавонад ва истифодаи моделсозии компютерӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ яке аз роҳҳои самараноки ҳалли ин масъала мебошад. Ин равиш ба ташаккули қобилияти мустақилона фикр кардан, таҳлил намудан ва ҳалли масъалаҳои амалӣ мусоидат мекунад.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуми тафаккур, намудҳои он, хусусиятҳои рушди тафаккури мантиқӣ дар синфҳои болоӣ, инчунин имкониятҳои технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим анҷом дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҷрибаҳои педагогӣ санҷида шуда, самаранокии истифодаи моделсозӣ дар рушди қобилиятҳои мантиқии хонандагон исбот гардидааст.

1. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми

педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот:

*банди 4.* Таҳқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълим дар низомҳои гуногуни педагогӣ;

*банди 8.* Назария ва амалияи коркарди стандартҳои давлатии таълими зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими фанни информатика;

*банди 14.* Коркарди барномаҳои таълимӣ аз фанни информатика барои таълимгоҳҳои гуногуни зинаҳои таълимӣ мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 12 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 8 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали таҳқиқ, мутобиқати дақиқи мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот таъмин гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада бо маводи ҳуҷҷатӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунанд, асоснок карда шудаанд. Алоқамандии назария бо амалияи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ тавассути истифодаи моделсозӣ дар раванди таълим таъмин гардидааст.

Инчунин эътимоднокии натиҷаҳо бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои марбут ба технологияи иттилоотӣ ва коркарди маълумот, инчунин бо иштироки фаъолонаи ӯ дар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ дар самтҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шудааст.

Эътибornокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада бо гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳои таълимӣ таъмин гардидааст. Инчунин, эътимоднокии онҳо бо мувофиқати мавқеъҳои назариявии таҳқиқот, ки ба таҳлили ғояҳои олимони соҳаи педагогика ва информатика асос ёфтаанд, тасдиқ мегардад. Мутобиқати методҳои таҳқиқот

бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда, бисёрҷанбагӣ ва пайдарҳамии таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, инчунин тасвиби натиҷаҳо дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳамчун пойгоҳи таҷрибавӣ истифода шудаанд, таъмин карда шудааст.

6. Диссертатсияи Сатторзода Шарифамоҳ Сатор дар мавзуи «Рушди тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути моделсозӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ (истифода аз маводҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба шурои диссертатсионӣ барои баррасӣ ва қабули ҳимоя пешниҳод карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Мирзоев Абдулазиз Раҷабович– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Назарзода Рустам Саидмурод – номзади илмҳои педагогӣ, сардори идораи корҳои илмӣ-татбиқотӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сатторзода Шарифамоҳ Сатор дар мавзуи «Рушди тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути моделсозӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ (истифода аз маводҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Сатторзода Шарифамоҳ Сатор дар мавзуи «Рушди тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути моделсозӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ (истифода аз маводҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- Назарзода Рустам Саидмурод – номзади илмҳои педагогӣ, сардори идораи корҳои илмӣ-татбиқотӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ — Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ — Иззатова М.И.

номзади илмҳои педагогӣ — Давлатшоев И.

« 25 » майи соли 2026

*“Имзои М. Лутфуллозода, М.И. Иззатова ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам”*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* — *М. Саидова*

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ